Тақризи

муқарризи расмӣ профессор Хоҷаев Қурбон Тоирович ба рисолаи номзадии Исматов Сулаймон Бобомуродович дар мавзуи " Методҳои инноватсионии таълими алифбои ниёгон дар асоси муносибати босалоҳият ба таълим" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ оид ба ихтисоси 13.00.02. 04 – назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ, таҳсилоти миёнаи умумӣ

Сайри таърихии омӯзишу мавриди таълим қарор додани алифбои арабиасос басо қадимӣ буда, таърихи беш аз ҳазорсола дорад. Дар тӯли ин дарозои таърих садҳо рисолаву дастуру нишондодҳо чӣ назмию чӣ насрӣ рӯйи сафҳаи дафотири мутафаккирони Арабу Аҷам сабти хешро дарёфта. Вале усули таълим ва маводи барномавии он дар ҳар давру замон марбут ба шароиту муҳит ва талаботи ҷомеа тариқи мухталиф сурат гирифта.

Дар айёми салтанати Ҳукумати Шӯравӣ то соли 1929 алифбои арабиасос мавриди таълими умум қарор ёфта буд. Аз соли 1940 хати кириллӣ дар аглаби Ҷамоҳири Шӯравӣ ҷорӣ шуда бошад ҳам, дар баъзе факултаҳои филологӣ ва шарқшиносӣ хати арабиасос иҷозат дода шуда буд, зеро мо наметавонистем, аз ин хазинаи фарҳанги ҳазорсолаамон, ки мероси гаронбаҳои илмӣ, адабӣ ва фарҳангӣ фароҳам оварда ба куллӣ даст бикашем. Бо мурури вакт, тадриҷан, тарзу усулҳои навину муфиди таълими хати арабиасос ба миён омад. Китобу дастурҳои методии дастрас пешкаши омма гардид. Ҳамаи ин дастовардҳои навин натиҷаи таҷриба, озмунҳо ва таҳқиқотҳои педагогист. Рисолаи мазкур низ саъю кӯшиш бар тарҳи нав дарандохтан дар усулу равиши навини таълими алифбои арабиасос мебошад.

Муҳиммият ва моҳияти рисола дар он собит мегардад, ки диссертант тариқи назарӣ ва амаливу таҷрибавӣ ва усули таълими анъанавиро омӯхта, китобҳои дарсии пешинаро таҳлилу таҳмил, бурду бохти онҳоро ифшо намуда, дар заминаи он методҳои инноватсионии таълими алифбои ниёгонро дар асоси муносибати босалоҳият роҳандозӣ менамояд. Дар раванди пажуҳиш заминаҳои таърихии эҳёи илми шарқшиносӣ ва таълими алифбои ниёгон, нахустин китобҳои дарсӣ оид ба омӯзиши он ва усули таълими маъмулии он таҳлил мешавад. Дар рисола таҳаввулоти сиёсӣ ва фарҳангӣ дар остона ва солҳои аввали истиқлолият ва таъсирпазирии он ба густариши алифбои арабиасос, ворид намудани тағйиротҳо дар барнома ва низоми таълими алифбои арабиасос барои муассисаҳои зинаҳои мухталифи макотиби таҳсилоти умумӣ ва касбии олӣ дар давраи солҳои 2006 – 2015 ҳадафи пажуҳиш қарор гирифтааст.

Муҳаққиқ тариқи густурда омилҳои асосии зарурати таҷдиди назар гардидану муҳимияти омӯхтани ин фанро бо далоил ва аснодҳо собит сохта,

тарзу усулҳои методологияи ворид намудани алифбои арабиасосро ба барнома ва кутуби тадрисӣ дар марҳилаи навин пешкаш менамояд. Таҳлилу таҳмилҳои вазъи муосири стандарти давлатии маълумот мувофиқан ва мутобиқан ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон " Дар бораи маориф" ва дигар дастуру нишондодҳо дар рисола мавриди пажуҳиш қарор дорад. Муаллиф сабабҳои асосии мувофиқи мақсад набудани таълими алифбои ниёгон бо талаботи ҷамъиятро дар кофӣ набудани мутахассисони касбӣ, сатҳи пасти омодагии онҳо, мавҷуд набудани методологияи муассири алифбои арабиасос, басанда набудани соатҳои таълим, таҷдиди усули таълим, созмон додани хонишҳои беруназсинфӣ ва амсоли он медонад. Диссертант дар боло бурдани сифати таълиму низоми он дастуру нишондодҳои сарвари давлатро ҳамчун заминаи асосӣ мисол оварда, таҳия ва татбиқи усулҳои муассири таълими алифбои арабиасосро дар асоси муносибати босалоҳият ба таълим дар амалияи низоми маорифи муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон мавзуи муҳим ва мубрам мешуморад.

Диссертант дар қисмати **"Дараҷаи пажуҳиши мавзуъ"** бурду бохти омӯзишу таълими алифбои арабиасосро аз оғоз то ба анҷом таҳлил намуда, зина ба зина боло рафтани сифати барнома ва китобҳои дарсии муаллифони мухталифро ба панҷаи қиёс мегирад. Дар ин бобат муҳаққиқ китобҳои дарсии М. Н. Қосимова " Хат ва имлои матни классикии тоҷик", Ҳ. Каримов " Забони форсӣ" –ро нисбатан афзалтар медонад. Зеро ин китобҳо солҳои тӯлонӣ мавриди таълим қарор дошт ва табиист,ки аз ҷониби муаллифон суфта ва такмилу таҷдид гардидаанд. Бидуни ин, диссертант китобу дастурҳои таълимии олимони методист: М. Лутфуллоев, У. Каримов, М.Ансор, А. Байзаев, Ш. Кабиров, У. Сафаров , инчунин, дастурҳои таълимии худомӯзӣ оид ба омӯзиши алифбои арабиасос аз ҷониби У. Сулаймонӣ, Ф. Рачабов, С. Ҳалимов ва дигарон ба панҷаи таҳлил гирифта шудааст.Ва бахусус, дар давраи Истиқлолият марбут ба талаботи ҷамъият муҳиму зарур буудани омӯзиши хати арабиасосро бо далелҳо собит месозад. Дар ин ҷабҳа методи муқоисавии дастуру китобҳои дарсии солҳои мухталиф нақши азим дорад.

Мақсади пажӯҳиш. Ҳадаф аз мақсади пажуҳиши мавзуи мазкур таҳия намудани методологияи боз ҳам муассир ва инноватсионии таълими алифбои арабиасос, муайян намудани роҳҳои боло бурдани салоҳиятнокии мутааллимин, ташаккули салоҳиятҳои шахсӣ ва дарку фаҳмиши шогирдон бо назардошти арзишҳои миллӣ, ташаккули шавқу завқ баҳри андӯхтани фарҳанги ғановатманди ниёгон, устувор намудани қобилияти табодули матн аз як хат ба хати дигар .ва ворид гардидан ба хазинаи тамаддуни ҳазорсолаҳост.

Вазоиф аз пажуҳиш дар он собит мегардад, ки таҳлилу таҳмил ва бознигарии раванди ҷории таълими фанни " Алифбои арабиасос" дар муассисаҳои миёна ва олии Ҷумҳурӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Ва дар ин замина аз **ҷониби диссертант вазифаҳои зерин баррасӣ гардидааст:**

1.Омилҳои асосии зина ба зина ташаккул ёфтани барнома ва нақшаҳои таълими омӯзиши хати арабиасос (аз соли 1920 то имрӯз);

2. Муайян намудани нақш ва мавқеи фанни " Алифбои арабиасос ва матн" дар тарбияи ахлоқӣ ва ватандӯстии насли наврас бо назардошти мушкилоти муосир дар соҳаи маориф;

3. Таҳия ва баррасӣ намудани усулҳои муқаддам ва инноватсионии таълим дар асоси муносибати босалоҳият ба таълим, роҳҳои боло бурдани сатҳи касбӣ ва салоҳиятнокиии омӯзгорон марбут ба мавзуи матраҳгардида.

Диссертант дар объекти пажуҳиши мавзуъ китобҳои дарсӣ, дастурҳои методӣ ва дигар васоити худомӯзии алифбои арабиасосро, ки дар замону макони мухталиф (Тоҷикистону Эрон) таълиф ва мунташир гардидаанд, мавриди таҳлил қарор додаст.

Предмети пажуҳиш усулҳои инноватсионӣ ва шартҳои лингводидактикии таълими алифбои арабиасос дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси муносибати босалоҳият ба таълим аст.

Фарзияҳои илмии пажуҳиш дар он собит мегардад, ки самаранокии таълими алифбои арабиасос ба хонандагон дар асоси муносибати босалоҳият ба таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Тоҷикистон таъмин карда мешаванд, дар он сурате, ки :

-таҳия ва татбиқи стандартҳо ва нақшаҳои таълим дар асоси муносибати босалоҳият ба таълим ба роҳ монда шавад;

- таҳия ва татбиқи усулҳои инноватсионӣ ва самаранокии таълим, аз ҷумла коркарди воситаҳои методӣ ва аёнӣ барои омӯзгорон таъмин карда шавад.

- тайёр кардан ва бозомӯзии кадрҳои омӯзгорӣ дар сатҳи дахлдор таъмин гардад;

- таълими алифбои ниёгон бо назардошти робитаи байнифаннӣ, ташаккули салоҳиятҳои умумӣ ва фаннии хонандагон ба роҳ монда шавад.

Рисола дар се марҳила (аз соли 2014 то 2021) ба анҷом расидааст.

Методологияи пажуҳишро маводи илмию методии муҳаққиқони ватаниву хориҷие, ки ба мавзуи таҳқиқот тааллуқ доранд, китобҳои дарсӣ, барномаҳои давлатии таълими фанни арабиасос дар низоми зинаҳои гуногуни таълим ва давраҳо, стандартҳои давлатии фанни алифбо ва матни ниёгон ва методҳои инноватсионии омӯзиши фанни мазкур фарогир аст.

Навгониҳои илмии пажуҳиш дар он собит мегардад, ки:

1.Бори нахуст дар давраи Истиқлолият вазъи таълим ва омӯзиши фанни алифбои ниёгон ҳамаҷониба дар панҷаи таҳлилу қиёс ва хулосабарорӣ қарор гирифтааст.

2. Омилҳо ва пойгоҳҳои тағйироте, ки дар даврахои гуногун дар нақша ва барномаҳои таълими ин фан ба вуҷуд омадаанд, асоснок гардида, афзалияту норасоиҳои ҳар яке аз онҳо муайян ва музайян гардидаанд.

3. Бори нахуст аглаби китобҳои дарсии фанни Алифбо ва матни ниёгону барномаҳои таълимии он дар се давраи таърихӣ (ибтидои соҳои 90 –ум асри гузашта – соли 2007; солҳои 2008 – 2016; аз соли 2017 то имрӯз) комилан таҳлил гардидааст.

4. Бо назардошти муносибати босалоҳият ба таълим ва методҳои инноватсионии таълими ҳодисаҳои савтии алифбои арабиасос пешниҳод гардидаанд.

5. Нишон додҳои махсуси ташкилӣ ва амалии омода намудани мутахассисони касбӣ ва аз ҷихати методӣ дурусту сифатнок таълим додани фанни мазкур ироа гардидааст.

6. Усулҳои инноватсионии таълим, боло бурдани сифати омӯзиши ин фан, салоҳиятнокӣ, робитаи фанни мазкур ба осору хазинаи фарҳанги ҳазорсола, арҷгузорӣ ба мутафаккирони илму адаб ирсол гардидаанд.

Нукоте, ки диссертант ба ҳимоя пешниҳод намудааст:

1.Таҳлили раванди ташаккул ва рушди таълими алифбои ниёгон дар даврахои муайяни таърихӣ (давраи шӯравӣ ва замони истиқлолият), нақши олимону методистон дар таълиму омӯзиши ин фан.

2. Таҳлили раванди татбиқи таълими фан дар замони истиқлолият вобаста ба дигаргуниҳо ва тағйирот дар нақшаҳо ва барномаҳои таълим, муайян ва музайяну асоснок намудани пешниҳодоти мушаххас.

3. Муайян намудани ҷанбаҳои асосии муносибати босалоҳият ба таълими алифбо ва матни ниёгон, мушаххас намудани салоҳиятҳои умумӣ ва фаннӣ, робитаҳои байнифаннӣ ва роҳҳои ба даст овардани онҳо.

4. Дар асоси таҳлилу муқоисаҳо пешниҳод намудани методҳои санҷидашудаи таълими савтиёти алифбои ниёгон ва имлои он.

5. Таҳлил ва баррасии таъмини таълими фан бо омӯзгорони касбӣ, масъалаҳои тайёр кардан ва бозомӯзии омӯзгорон ва дастгирии методиву моддии онҳо аз ҷониби ташкилотҳои марбута.

Аҳаммият ва моҳияти назарии пажуҳиш дар он собит мегардад, ки: дар рисола ҷанбаҳои илмӣ – педагогии таълими алифбои ниёгон таҳлил ёфта, дар заминаи онҳо методҳои муассири таълими ҳуруф ва вазоифи он, муҳимтарин қоида ва ҳодисаҳои савтӣ муайян гардидаанд. Масоили таълими

хат вобаста ба хасоиси алифбои кириллӣ ва қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ, ки аз муҳимтарин хусусиятҳои таълими алифбои ниёгон дар Тоҷикистон маҳсуб мешавад, баррасӣ шудаанд.

Аҳаммияти амалии пажуҳиш дар он собит мегардад, ки натоиҷи он бевосита дар раванди таълим дар муассисаҳои таҳсил ба забони тоҷикӣ мавриди истифода қарор хоҳад гирифт. Усул ва роҳҳои муфиду қуллайи пешниҳодшудаи муаллиф имкон дорад, дар мураттаб намудани барнома ва нақшаҳои таълим кӯмаки амалӣ расонад. Натоиҷи пажуҳиш имкон дорад аз ҷониби мухаккиқини дигари соҳа ва муаллифону мураттибони китобҳои дарсӣ , дастурҳои методӣ ва маводҳои дигари иловагии таълим мавриди истифода қарор гирад.

Дараҷаи эътимоднокии натоиҷи пажуҳишро метавон дар нишондодҳо ва таҳияи усулу методҳои инноватсионии таълим ва дастраси омӯзгорон гардонидани онҳо дар муассисаҳои озмоишӣ, гузаронидани семинорҳои машвараті, мизҳои мудаввари методӣ, таҳия ва нашри мақолаҳо, дастурҳои методӣ барои боло бурдани сифати таълим донист.

Рисола бо шиносномаи ихтисоси илмӣ дар самтҳои зерин мутобиқат менамояд:

- таърихи ташаккул ва рушди назария ва методикаи омӯзиш тибки зинаҳои дониш ва дараҷаҳои таҳсилот;

- рушду такомули методҳои пажуҳишҳои педагогӣ бо дарназардошти вижагиҳои соҳаҳои дониш ва зинаҳои таҳсилот;

- мавриди истифодабарии усулу методҳои навин ва равандҳои он,фаъолияти инноватсионӣ ва таҷрибавӣ – озмоишии омӯзгорон.

Интишороти диссертант марбут ба рисолаи илмӣ ва мавзуи он комилан мувофиқат менамояд.

Рисола аз пешгуфтор, се боб, хулоса ва феҳристи адабиёт мураттаб гардидааст.

Дар мукаддима омилҳои асосноки мавзуи илмӣ ва сохтори он дарҷ гардида, моҳияти назарӣ ва амалии рисола зимни таълиму тадрис муфассал зикр ёфтааст.

Дар боби якум – **"Таърихи ташаккул ва рушди таълими алифбои ниёгон дар Тоҷикистон"** заминаҳои таърихии эҳёи улуми шарқшиносӣ дар Тоҷикистони замони шӯравӣ таҳлил ёфта, саҳми олимону методистон, муаллифону мураттибони нахустини китобҳои дарсӣ ва дастурҳои методӣ зикр гардидааст. Аз он ҷумла, таъкид мегардад, ки омӯзишу таълими хатти ниёгон бевосита ба таъсиси марказҳои шарқшиносӣ дар Академияи улум ва таъсиси шуъбаи забонҳои Шарқ дар факултаи филологияи Университети давлатии Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи миллӣ) робитаи қавӣ дорад.

Диссертант бо далоил ва аснодҳо собит менамояд, ки маҳз дар даврони Истиқлолият ва мақоми расмӣ гирифтани забони тоҷикӣ дар Тоҷикистон заминаҳои васеи таълиму омӯзиши алифбои ниёгон ба вуҷуд омадааст.

Дар боби дувуми рисола – **Масоили умдаи таълими Алифбо ва матни ниёгон бо истифодааз роҳу усулҳои инноватсионӣ** аз се зербоб иборат буда, ба баррасии масъалаҳои методикаи таълим бахшида шудааст. Дар зарбоби якум таҳлили пажуҳиши илмии олимон ватанӣ ва хориҷро оид ба масъалаҳои методикаи таълими забон фаро гирифтааст. Мувофиқи андешаи муҳаққиқ, фанни алифбо ва матни он сирф хусусияти миллӣ дошта, танҳо ба низоми маорифи Тоҷикистон хос аст, он дар ҳамин шаклу мундариҷа ва мақсадҳои таълим танҳо дар муассисаҳои таълимашон ба забони тоҷикӣ дар асоси алифбои кириллӣ таълим дода мешавад.

Дар зербоби дувуми ҳамин боб **Методҳои инноватсионии таълими ҳарфу овозҳо** марбут ба самтҳои омӯзиши ҳарфу овозҳо бахшида шудааст, ки соф хусусияти методӣ дорад. Аз он ҷумла, дар ин фасл ҳодисаҳои зиёди савтиёти алифбои арабиасос ва нозукиҳову таълими муфиди он баррасӣ гардидааст, ки моҳияти хуби дастурӣ дорад.

Дар боби сеюм – **Такмили таълими алифбо ва матни ниёгон дар заминаи муносибати босалоҳият ба таълим** дар маҷмуъ, масоили зерин баррасӣ шудаанд:

- мавкеи фанни алифбо ва матни ниёгон дар миёни фанҳои мактабӣ;
- натоиҷи омӯзиши раванди таълими ин фан дар муассисаҳои таълимӣ ва масъалаҳои дастгирии омӯзгорон дар шароити муносибати босалоҳият ба таълим;
- нақши васоити аёнӣ дар боло бурдани сифати таълим;
- хасоиси татбиқи муносибати босалоҳият дар раванди таълими алифбо ва матни ниёгон;

Дар хулоса тариқи мушаххас натоиҷи пажуҳиш ва дастовардҳои он ҷамъбаст гардида, нукоти зайл таъкид гардидаанд:

1.Сабаби сифатан дар сатҳи паст қарор доштани таълими хати арабиасос аз нарасидану мутахассиси касбӣ набудани омӯзгорон аст, на аз дастуру кутуби тадрисӣ.

2. Тарзу усулҳои дурусти истифодаи савтиёти ҳуруфи ниёгон дар давраи муосир;

3. Роҳандозии муносибати босалоҳият дар таълими фан буда, ҳамчунин хусусиятҳои татбиқи муносибати босалоҳият бо назардошти хусусиятҳои фан мебошанд.

4. Ба инобат гирифтан ва дастури амалии хеш гардонидани китобҳои дарсӣ, стандарту барномаҳои таълимӣ ва роҳнамои омӯзгор, таҳия намудани айёниятҳо муфид аст.

5. Ба роҳандозии курсҳои кӯтоҳмуддати бозомӯзӣ ва такмили ихтисос аст;

6. Интихоби омӯзгори асил ва донандаи хуби хати арабиасос, ки бе мамониат ба шогирдон бо донистани хуби нозукиҳои савтиёти ин хат ва имлои он таълим ва тадрис бидиҳад;

7. Афзун намудани соатҳои таълими ин фан ва зиёд намудани маоши омӯзгорони ин фан, ки корҳои бештари амалӣ дошта, санҷидани дафтару сомон додани машғулиятҳои инфиродӣ гузаронида мешавад. Аз ин лиҳоз, беҳтар мебуд, агар аз 25 нафар зиёд дар гурӯҳ бошад, ба зергурҳҳо қисмат гардад.

Дар фарҷом муҳаққиқ як силсила тавсияҳо баҳри боло бурдани сифати таълими ин фан пешниҳод намудааст, ки дорои аҳамияти муҳим аст. Мақолаҳои диссертант, ки дар нашрияҳои мухталиф интишор гардидаанд,мазмуну мухтавои рисоларо тариқи возеҳ ва фасеҳ фарогир аст.

Ба рисолаи номбурда дар маҷмуъ тариқи мусбат арзёбӣ намуда, дар радифи он чанд норасоиҳои ҷузъиро низ зикр намудан ҷоиз аст:

1.Иқтибосҳо аз паёмҳо ва суханрониҳои Президенти Ҷумҳур дар муқаддима бояд мухтасар карда шавад. Бояд ҳамон ҳарфе иқтибос гирифта шавад, ки ба мавзуъ дахл дошта бошад.

2. Агар ҳар вожаеро мо хоҳем, таъкид карданӣ шавем, набояд бо ҳарфи калон навишт (амсоли барнома, нақшаи таълим, адабиёти тоҷик, забони тоҷикӣ ва амсоли ин).

3. Як дарси намунавӣ, ки дар саҳифаҳои 60 – 62 сабт гардидааст, мебоист ҳамчун замима дар охири рисола ҷой дода шавад.

4. Баъзе адабиёт дар дохили матни рисола ҷой дода шудааст, ки бояд танҳо рақамгузорӣ гардида, дар феҳраст оварда шавад (ниг.саҳ.67).

5. Диссертант дар боби дувум аз мавзуи мавриди пажуҳиш ба канор меравад ва китобҳои методии забони тоҷикиро ҳадафи таҳлил қарор медиҳад, на алифбои арабиасосро.

6. Дар рисола аҳёнан, вожаҳо, ибораҳо ва таркибҳо ғалат ҳарфчинӣ гардидаанд (ниг. саҳ. 29, 40, 60, 123).

Норасоиҳои зикргардида ҷузъӣ ва ислоҳпазир буда, ба ҳеҷ ваҷҳ қимату арзиши рисоларо коста нахоҳанд кард. Арзиши илмӣ ва методии рисола пазиранда ва писандида аст.

Ба андешаи мо, рисолаи номзадии Исматов Сулаймон Бобомуродович дар **ихтисоси 13.00.02.04 – назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ,**

таҳсилоти миёнаи умумӣ арзанда аст. Рисола комилан ҷавобгӯйи талаботи Комиссияи олии аттестатсионӣ дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, муаллифи он сазовори унвони номзади улуми педагогика мебошад.

Доктори илмҳои педагогӣ,
профессори кафедраи забонҳои
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ
ва соҳибкории Тоҷикистон Хоҷаев Қурбон Тоирович

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи байналмилалии
сайёҳӣ ва соҳибкорӣ Ҷӯраев Ш.